**Тақриз**

ба автореферати Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод карда шудааст.

Мавзӯи рисолаи диссертатсионии *Симолибеков А.М.* аз ҷиҳати мазмун ва моҳияташ мушкилоти актуалӣ маҳсуб меёбад. Яке аз минтақаҳое, ки дар солҳои охир диққати ҳар чи бештари сайёҳони ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст, ин ҳудуди ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин минтақа дорои имкониятҳои беҳамтои таърихию фарҳангӣ (ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ашёҳои таърихӣ, биноҳо, иншоотҳо ва ғ.), инчунин бовуҷуди сукунати гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки барои ҳар кадомашон расму русум, урфу одат, анъана ва тарзи зиндагонии ба худ хосро доранд, сол аз сол таваҷҷӯҳи ҳар чи бештареро ба худ ҷалб намуда истодааст. То солҳои ба даст овардани Истиқлолиятӣ давлатӣ ин' мавзеъи нотакрори сайёҳию рекреатсионӣ дар ҳолати нақши фавқулодаи сарбастаи табиию-иқтисодӣ қарор дошт. Аз ин сабаб таҳқиқотчиёни ҷаҳонӣ, ки бо роҳи “Абрешим” ба ин мавзеъи кӯҳӣ сафар мекарданд ва онро “Боми ҷаҳон” меномиданд.

Мавзӯи интихобкардаи Симоилбеков Асрор Музофирович аз лиҳози тамоми хусусиятҳои худ ҷавобгӯи тамоми бандҳои нишондодашуда мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 28 декабри соли 2012, №921., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017 (№.1450)., Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» аз 1 августи соли 2018., ва ғайра иҷро гардидааст.

Барои амали намудани ин раванди кор *А.М. Симолибеков* дар назди худ таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳоро фаро мегирад.

Ҳангоми иҷроиши автореферат муаллиф ҳам методҳо ва усулҳои умумиилмӣ ва ҳам махсуси географӣ, географӣ-муқоисавӣ, мушоҳидаҳои

экспедитсионӣ-саҳроӣ, таҳлил ва таҷзия, муқоиса, ҷамъбастӣ, таҳлили шарҳӣ ва муносибати системӣ-сохторӣ истифода намуданд, ки ин сифати корро боз ҳам баланд менамояд.

Ҳолатҳои методологии таҳқиқот ба комёбиҳои соҳаҳои географияи иқтисодӣ ва фароғатӣ, инчунин коркардҳои илмӣ оид ба масъалаҳои туризми экологӣ ва географияи рекреатсионии минтақавӣ асос ёфтаанд.

Дар автореферати пешниҳодшудаи *А.М. Симолибеков* дорои як қатор навгониҳои илмианд, ки онҳо қиммати автореферати диссертатсияро боз ҳам баландтар менамоянд. Аз он ҷумла:

- Навоварии илмии таҳқиқот аз таҳияи усулҳои ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангии ВМКБ иборат мебошад.
- Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои асосии зерин, ки навоварии илмии кори диссертатсиониро ташкил менамояд, ба даст оварда шудаанд:
  - бори аввал дар диссертатсия дар шароити минтақаи кӯҳистон назария ва асосҳои ташкилии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ омӯхта шуда, объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун манбаи потенсиалии сайёҳӣ, нақши онҳо дар рушди сайёҳии кишвар тавсиф карда шуданд. Дар асоси тафриқаи ҳудуд вобаста аз мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд, минтақаи омӯзишӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.
- Масъалаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақа таҳлил ва муайян карда шуда, марҳилаҳои асосии рушди самараноки сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян ва асоснок карда шудааст;
- Ареалаҳои асосии рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаи омӯзишӣ муайян шуда, дар асоси таҳлили мушкилот иқтидори сайёҳии минтақа муайян карда шудааст.
- Дар автореферати диссертатсия дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани

самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ рисолаи пешниҳодшуда дорои сохтори мантиқӣ, рӯйхати шумораи зиёди адабиётҳои истифодабурдашуда (178 номгӯй) мебошад. Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда имконият медиҳанд, ки чунин хулосабарои намоем.

Муаллифи дар рушди ғояҳои илмӣ ташкили фазои таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳоро дар бар гирфта саҳми беандоза гузоштааст.

Муҳтавои асосии автореферати диссертатсия ба намуди 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расиданд.

Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки автореферати пешниҳодшудаи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», тадқиқоти ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб намуда онро ҷавобгӯи талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳисоб намуда муаллифи корро сазовори гирифтани унвони илмӣ бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод карда шудааст ҳисоб намоем.

Мудири кафедраи география ва сайёҳии

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

н.и.г. дотсент: Гадоев Шералӣ Давлатович

Имзои Гадоев Ш.Д.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.

735360, ш. Кӯлоб, к. С.Сафаров, 16

«12» май соли 2023